# Мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ таҳти унвони «Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва масоили забонҳои миллӣ»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 19 February, 2021 - 14:05

[1]

**Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва масоили забонҳои миллӣ**
**(бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ)**

Имрӯз 19-уми феврали соли 2021, соати 10:00 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва масоили забонҳои миллӣ» бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ баргузор гардид,

ки дар он муовини раиси Кумита, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мудирони шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, шуъбаи адабиёти классикии Нашриёти «Адиб», Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони Кумита иштирок намуданд.
Дар оғоз муовини раиси Кумита тамоми иштирокдоронро ба мизи мудаввар хайрамақдам гуфта, оид ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ маърӯзаи худро ироа намуданд.
Бояд зикр намуд, ки моҳи ноябри соли 1999 бо қарори ҷаласаи 30-юми Анҷумани ҷаҳонии ЮНЕСКО (бахши Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва маданият) бо мақсади ҳифз ва ташаккули забонҳои нобудшудаистода ва мусоидат барои ташаккули бисёрзабонӣ, рушди хазинаи луғавии забонҳои дунё 21-уми феврал ҳамчун Рӯзи байналмилалии забони модарӣ эълон гардид ва он аз соли 2000-ум инҷониб ҳамасола дар тамоми кишварҳои олам таҷлил мегардад.
Баъдан дар идомаи мизи мудаввар муовини раиси Кумита – Раҳматуллозода С., узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Ҳасани Султон, мудири шуъбаи адабиёти классикии Нашриёти «Адиб» – Муҳтарам Ҳотам, намояндагони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ – Мирзоев С., Тӯраев Б., мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – Мирбобоев А., сардори кафедраи забонҳои Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Давлатшоева А. маърӯзаҳои худро қироат намуданд. Дар охир суҳбати озод сурат гирифта, масоили марбут ба забони модарӣ баррасӣ шуданд.
Мизи мудавварро дар мавзӯи «Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва масоили забонҳои миллӣ» бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ муовини раиси Кумита, доктори илми филология – Раҳматуллозода Сахидод ҷамъбаст карда, ба ҳамаи ҳозирин ва дар маҷмӯъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя ва рушди забони миллӣ дили бедор, иродаи устувор ва комёбиҳо орзу намуд.

**Content rating:** 3

Average: 3 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (https://www.istilohot.tj)

- 

Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (https://www.istilohot.tj)

-

- 

-

- 

https://www.istilohot.tj/sites/default/files/%D0%A2%D0%90%D2%9A%D0%94%D0%98%D0%9C%20 2021.pdf

**Source URL:**https://www.istilohot.tj/en/node/6721?mini=2026-05

**Links**
[1] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/3.jpg [2] https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/3_6.jpg [4] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_5.jpg [5] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/2_5.jpg [6] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/4_5.jpg [7] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/5_4.jpg [8] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/6_1.jpg [9] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/7_2.jpg [10] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/8_1.jpg [11] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/9_0.jpg [12] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/10_0.jpg